**ПЕСТИТСИДҲО** – **гурӯҳи калони моддаҳои химиявианд, ки аз онҳо барои мубориза ба муқобили ҳашароти зараррасон, алафи бегона, паразитҳо, микроорганизмҳо – ҳамаи чизҳое, ки ба истеҳсоли миқдори зиёди маҳсулоти хӯроквор ӣ ва кишоварзӣ монеъ мешаванд, истифода мебаранд.**
**Аслан пеститсидҳо заҳрҳое мебошанд, ки онҳоро бо меъёрҳои махсуси ҳисобу китоб ва омехтагиҳои муайян кор мебаранд.**



**Пеститсидҳо, вобаста ба объекте, ки муқобили он мубориза бурда мешавад, ба намудҳо тақсим мешаванд:**

- **ИНСЕКТИТСИДҲО** – муқобили ҳашароти зараррасон
- **ФУНГИТСИДҲО** – муқобили мағорбастагиҳо ва касалиҳои мағорак
- **ГЕРБИТСИДҲО** – бар зидди алафҳои бегона, рустаниҳои номақбул
- **ЗООТСИДҲО** – муқобили ҷонварҳои зараррасон (каламушҳо, мушҳо)
- **АКАРИТСИДҲО** – муқобили ғундакана
- **БАКТЕРИТСИДҲО** – нобуд кардани бактерияҳои - зараррасон
- **ХЕМОСТЕРИЛИЗАТОҲО** – нест кардани ҳашаротҳо
- **ДЕФОЛИАНТҲО** – афтидани барги растаниҳо ва дарахтон
- **НЕМАТОТСИДҲО** – мубориза бо кирмҳои лӯнда
- **БЕЗАРАРКУНИИ ТУХМИҲО** – коркарди пеш аз кишт




**Пеститсидҳо саломатии инсонро хароб мекунанд, ва аз ин беш хақиқати ҳол ин аст, ки химикатҳои заҳрнок дар натиҷаи истифодабарии дуру дароз тамоми системаи сайёраро вайрон мекунанд, ба тамоми организмҳои зиндаи сайёра таъсир мерасонанд.**
**Пеститсидҳо аз моддаҳои заҳрнок иборат буда, бинобар ин ба организми инсон ба он дараҷа таъсири манфӣ мерасонад, ки мо инро дар нисбати ҳашаротҳои зараррасон дида метавонем: онҳо сол ба сол дар муҳити атроф ҷамъ мешаванд, онро заҳролуд мекунанд. сабабгори бисёр харобиҳои организмҳои зинда мешаванд.**

Бемориҳои системаи афзоиши насл. Аз меъёр зиёд шудани пестетсидҳо дар муҳитти атроф - яке аз сабабҳои пастравии саломатии репродуктивӣ, болоравии миқдори исқот, ҳодисаҳои безуриётӣ, таваллудёбиҳои пеш аз мӯҳлат буда метавонанд. Инчунин ба ҳамагон маълум аст, ки химикатҳои заҳрнок метавонанад ба балански гормоналӣ таъсири ҷиддӣ расонанд, боиси вайронашавии он гарданд.

Саломатии бад, имунитети суст. Заҳролудшавии пайдарҳами организм метавонад дар хастаҳолии умумии организми инсон ва тонуси пасти ӯ, касалмандии доимӣ, пайдошавии як қатор бемориҳои начандон назаргир, мисли шамолхурӣ, дарди сар, бад шудани системаи ҳазми хурок зуҳур намояд.

Варамҳои сифатан бад. Моддаҳои заҳрнок, ҳатто дар микромиқдорҳо метавонанад сабабгори пайдошавию рушди варамиҳои сифатан бад ва хар гуна варамҳои камхатар шаванд, раванди пухтани онҳоро тезонанд ва ё пеши роҳи онҳоро гиранд. Таъсири ҳамешагии химикатҳои заҳрнок ба амал омадани чунин хатарҳоро зиёд мегардонанд.

Норасоиҳо ва вайроншавии системаи генетикӣ, камбудиҳои табийӣ, «костагиҳо» дар умқи организм. Дар қатори онҳо бемориҳои аутизм, касалии Паркинсон, камбудиҳои руй (масалан, «лаби чок») ва гайра

ЛОИҲА АЗ ҶОНИБИ ИТТИҲОДИ АВРУПО МАБЛАҒГУЗОРӢ КАРДА МЕШАВАД
BLACKSMITH INSTITUTE
PURE EARTH
PESHSAF